Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

17 сентябри соли 2022 Шанбе № 74 (14878)

сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

СҲШ ба марҳилаи нави боз ҳам муҳимтари рушди худ ворид мешавад. Мо бояд якҷоя бисёр вазифаҳои афзалиятноки ҳамкориро ҳал кунем.

Ба фикри мо, пеш аз ҳама, минбаъд ҳам нигоҳ доштани мақоми ғайриблокии Созмон ва рӯшодии он зарур аст.

Мо ба тамоюлҳои тақсимнопазирии амният қатъӣ риоя мекунем. Фаъолияти СҲШ бояд минбад низ ба шарикии васеъ нигаронда шавад. Инчунин мутмаин ҳастам, ки Осиёи Марказӣ бояд мақоми «маҳзи ҷуғрофӣ»-и СҲШ-ро нигоҳ дорад.

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат МИРЗИЁЕВ

ҲАМОИШИ САМАРҚАНД ДАР ФАЪОЛИЯТИ СОЗМОНИ ҲАМКОРИИ ШАНХАЙ САҲИФАИ НАВ КУШОД

16 сентябри соли 2022 дар Конгресс-маркази байналхалқии маҷмӯи сайёҳии «Роҳи бузурги абрешим» дар Самарқанд ҷамъомади навбатии Шӯрои роҳбарони давлатҳои Созмони ҳамкории Шанхай баргузор гардид.



Созмони ҳамкории Шанхай, ки сохтори бонуфузи байналхалқӣ гаштааст, 15 июни соли 2001 дар шаҳри Шанхай дар асоси Декларатсия дар бораи таъсиси СҲШ, ки аз ҷониби Ӯзбекистон, Қазоқистон, Чин, Қирғизистон, Русия ва Тоҷикистон имзо гаштааст, таъсис ёфта буд. Мақсад ва вазифаҳои асосии ташкилот мустаҳкам намудани боварии тарафайн, дӯстӣ ва некҳамсоягӣ, рушди ҳамкорӣ дар соҳаҳои сиёсӣ, тиҷоративу иқтисодӣ, илмиву техникӣ, маданиву инсонпарварӣ, энергетикӣ, нақлиёт ва ғайра, таъмини сулҳ, бехатарӣ ва суботнокӣ дар минтақа муайян гашта буданд.

Ӯзбекистон чун яке аз давлатҳои асосгузори Созмони ҳамкории Шанхай дар фаъолияти он нақши муҳим ва фаъол дорад. Ташаббусҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҳамеша ба баланд бардоштани потенсиал ва нуфузи байналхалқии СҲШ, мустаҳкамтар намудани ҳамкории бисёрҷанба мусоидат менамояд.

Мамлакатамон дар СҲШ солҳои 2003-2004 ва 2009-2010 ва 2015-2016 раисӣ кардааст. Раисии чоруми Ӯзбекистон солҳои 2021-2022 бо динамика, муҳтаво, баракот ва моилӣ ба натиҷабахшӣ тафовут дошт.

Соли ҷорӣ ҳамоиши СҲШ дар Самарқанд чун анъана аз маҷлиси Шӯрои роҳбарони давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай дар доираи танг шурӯъ гардид.

Дар мулоқот, ки таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев гузашт, Сарвазири Ҷумҳурии Ҳиндустон Нарендра Моди, Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Ҷомарт Тоқаев, Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Сзинпин, Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Ҷапаров, Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон Шаҳбоз Шариф, Президенти Федератсияи Русия Владимир Путин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, инчунин Котиби генералии Созмони ҳамкории Шанхай Чжан Мин ва директори Кумитаи иҷроияи Сохтори зиддитеррористии минтақавии СҲШ Руслан Мирзоев иштирок намуданд.

(Давомаш дар саҳ.3). ⇨

Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР ҶАМЪОМАДИ ШӮРОИ САРОНИ ДАВЛАТҲОИ АЪЗОИ СОЗМОНИ ҲАМКОРИИ ШАНХАЙ

Муҳтарам сарони ҳайатҳои вакилон!
Муҳтарам иштирокдорони ҳамоиш!
Хонумон ва ҷанобон!

Шуморо ба ҷамъомади Шӯрои сарони давлатҳои Созмони ҳамкории Шанхай самимона хайрамақдам мегӯям.

Аз имкони дар Самарқанди бостонӣ ва меҳмоннавоз шахсан қабул намудани роҳбарони давлатҳои аъзои СҲШ, кишварҳои нозир, меҳмонони гиромӣ ва намояндагони созмонҳои байналмилалӣ шод ҳастам.

Ин шаҳри боҳашам, ки дар дили Роҳи бузурги абрешим ҷойгир аст, кулли ҳазорсолаҳо ҳамчун маркази муколамаи байни тамаддунҳо, ганисозии мутақобилаи фарҳангӣ ва маънавӣ, мубодилаи тиҷоратӣ ва илмӣ хидмат кардааст.

Боиси хушнудист, ки имрӯз Самарқанд новобаста аз пандемия ва вазъияти мураккаб дар ҷаҳон сарони фарогири Авруосиёро бори дигар муттаҳид намуда, ба маркази байналмилалии сиёсат ва иқтисодиёт табдил ёфт.

Мехостам роҳбарони давлатҳоеро, ки бори аввал дар ин чорабинии мо иштирок мекунанд: Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон, ҷаноби Шаҳбоз Шариф, Президенти Ҷумҳурии Туркия, ҷаноби Реҷеп Таййип Эрдоған, Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон, ҷаноби Илҳом Алиев ва Президенти Туркманистон – ҷаноби Сердар Бердимуҳамедовро самимона хайрамақдам гӯям.

Хуш омадед ба Ӯзбекистон!

Муҳтарам иштирокдорони ҷамъомад!

Дар давраи раёсати худ дар СҲШ мо саъй доштем, ки ҳамкориҳои амалиро дар доираи Созмонамон фаъол гардонем, иқтидор ва нуфузи байналмилалии онро боло бардорем.

Дар баробари масъалаҳои таъмини бехатарӣ ба тавсеаи ҳамкории тиҷоративу иқтисодӣ ва башардӯстӣ таваҷҷуҳи аввалиндараҷа дода шуд.

Бинобар тамоми самтҳои фаъолияти Созмон ташаббусҳои сершумор амалӣ шуданд. Сарфи назар аз оқибатҳои пандемия ва нооромиҳои ҷаҳонӣ, мо якҷоя тавонистем Нақшаи раёсатро пурра иҷро кунем. Зиёда аз 80 чорабинии калон гузаронда шуд. Саъю кӯшиши якҷояи мо дар зиёда аз 40 ҳуҷҷати имрӯз қабулшаванда инъикос ёфтааст.

Бори дигар ба ҳамаи давлатҳои СҲШ, инчунин ба Котиби Созмон ва Кумитаи иҷроияи Сохтори минтақавии зиддитеррористӣ барои мусоидати фаъолонаашон ба раёсати мо ташаккур мегӯям.

Муҳтарам иштирокчиёни ҳамоиш!

Дар шароити камчинии эътимод ва ҳамдигарфаҳмӣ дар ҷаҳон бархурдҳо ва низоъҳо, даъватҳои сершумори суботу амният шадидтар шудаанд.

Хавфҳои ҷиддӣ барои рушди устувор мушкилоти зерини замони моро муаррифӣ мекунанд: тағйирёбии иқлим, нарасидани об ва захираҳои табиӣ, оқибатҳои иҷтимоию иқтисодии пандемия, бӯҳрони энергетикӣ ва бехатарии озуқаворӣ.

Талаботи ҷаҳонӣ ба боварии ҳамдигарӣ, адолат ва ҳамраъйӣ меафзояд. Ба ин муносибат идомаи муколамаи ошкоро ва созанда беш аз пеш зарур аст. Фаъолияти Созмони мо ба аҳли ҷаҳон нишон медиҳад, ки чунин муколама имконпазир аст.

(Давомаш дар саҳ.2). ⇨

РОҲБАРОНИ ЎЗБЕКИСТОН ВА ҲИНДИСТОН ДУРНАМОИ ТАҲКИМИ МИНБАЪДАИ ШАРИКИИ СТРАТЕҒИРО БАРРАСӢ КАРДАНД



Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 16 сентябр бо Сарвазири Ҷумҳурии Ҳиндустон Нарендра Модӣ, ки ба Ӯзбекистон барои ширкат варзидан дар ҷамъомади Шӯрои сарони давлатҳои Созмони ҳамкории Шанхай омадааст, мулоқот анҷом дод.

Дар оғози мулоқот сарвари давлатамон бо 75-умин солгарди истиқлолияти Ҳиндустон самимона табрик гуфт.

Ҷонибҳо масъалаҳои таҳкими минбаъдаи ҳамкориҳои мутақобилан судманд ва густариши доираи муносибатҳои шарикии стратегиро баррасӣ карданд.

Динамикаи рушди муносибатҳои дуҷонибаи Ӯзбекистону Ҳиндустон, ки ба мушоҳида мерасанд ва омодагии тарафҳо ба амалҳои муштарак барои густариши минбаъдаи онҳо дар тамоми соҳаҳои мавриди таваҷҷуҳи тарафайн бо қаноатмандӣ қайд карда шуд.

(Давомаш дар саҳ.2). ⇨

ПРЕЗИДЕНТҲОИ ЎЗБЕКИСТОН ВА ТУРКИЯ ДАР САМАРҚАНД МУЛОҚОТ АНҶОМ ДОДАНД

16 сентябр дар доираи Ҳамоиши самарқандии СҲШ мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев бо Президенти Ҷумҳурии Туркия Реҷеп Таййип Эрдоған ба амал омад.

Реҷеп Таййип Эрдоған Президенти Ӯзбекистонро бо баргузории бомуваффақияти нишасти СҲШ табрик гуфта, барои даъвати ширкат кардан ба сифати меҳмони фахрӣ изҳори миннатдории самимӣ кард.

Зимни мулоқот сарони давлатҳо доир ба масъалаҳои фаъолгардонии ҳамкориҳои бисёрҷанбаи Ӯзбекистону Туркия, ки ба эҳтироми тарафайн, дӯстӣ ва эътимод асос ёфтааст, табодули афкор намуданд.

Аҳамияти таҳкими минбаъдаи робитаҳои сиёсию дипломатӣ, байнипарлумонӣ, тиҷоратию иқтисодӣ ва фарҳангию гуманитарӣ дар партави ба сатҳи шарикии ҳамаҷонибаи стратегӣ расонидани муносибатҳои дуҷониба махсусан қайд карда шуд.

Ҷонибҳо аз ба дараҷаи назаррас фаъол шудани робитаҳои мутақобила дар доираи татбиқи созишномаҳо, ки дар сатҳи олӣ дар Тошканд 29-30 марти соли 2022 ба даст омадааанд, изҳори қаноатмандӣ намуданд.

(Давомаш дар саҳ.2). ⇨

СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР ҶАМЪОМАДИ ШЎРОИ САРОНИ ДАВЛАТҲОИ АЪЗОИ СОЗМОНИ ҲАМКОРИИ ШАНХАЙ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Ба туфайли пайравии қатъӣ ба тамоюлҳои рӯшодӣ ва ҳамроҳ нашудан ба блокҳо СҲШ муносибатҳои ба ҳамдигар муфид байни мамлакатҳои иштирокдорро мустаҳкам намуда, ҳамкории байналмилалиро бомуваффақият амиқтар мегардонад. Ҳайати СҲШ васеъ мешавад, равобити шарикии мо инкишоф меёбад.

Имрӯз Ёддошт дар бораи ўҳдадориҳои Ҷумҳурии Исломии Эрон ҳамчун аъзои комилҳуқуқи ин Созмон ба имзо мерасад. Президенти Эрон, муҳтарам ҷаноби Иброҳим Раисӣ ва тамоми ҳамкорони моро ба муносибати ин рӯйдоди таърихӣ самимона табрик мегӯям.

Мо аз имзои ёддоштҳо дар бораи додани мақоми шарики муколама ба Ҷумҳурии Мисри Араб ва давлати Қатар истиқбол мекунем.

Илова бар ин, мо қарор қабул мекунем, ки тартиби додани мақоми узви комилҳуқуқи СҲШ ба Ҷумҳурии Белорус, Шоҳигарии Баҳрайн, Давлати Қувайт, Ҷумҳурии Малдив, Аморати Муттаҳидаи Араб ва Ҷумҳурии Иттиҳоди Мянма – мақоми шарики муколама оғоз ёбад.

Васеъ гардидани фарогирии ҷуғрофии СҲШ боз як тасдиқи рӯзмаррагии Созмони мост, ки самаранокӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ ва динамизмро нишон медиҳад.

Муҳтарам сарони ҳайатҳои вакилон!

СҲШ ба марҳилаи нави боз ҳам муҳимтари рушди худ ворид мешавад. Мо бояд якҷоя бисёр вазифаҳои афзалияткноки ҳамкориро ҳал кунем.

Ба фикри мо, пеш аз ҳама, минбаъд ҳам нигоҳ доштани мақоми ғайриблокии Созмон ва рӯшодии он зарур аст.

Мо ба тамоюлҳои тақсимнопазирии амният қатъӣ риоя мекунем. Фаъолияти СҲШ бояд минбад низ ба шарикии васеъ нигаронда шавад. Инчунин мутмаин ҳастам, ки Осиёи Марказӣ бояд мақоми «мағзи ҷуғрофӣ»-и СҲШ-ро нигоҳ дорад.

Вазифаи дигари муҳим – таҳкими ҳамбастагӣ, дастгирии мутақобила ва шарикӣ дар асоси тамоюлҳои «Рӯҳи Шанхай» мебошад. Танҳо бо ин роҳ мо метавонем сулҳу субот ва шукуфоиро дар минтақаи СҲШ таъмин кунем.

Бовар дорам, ки ба ин муносибатҳои принсипиалӣ такя карда ва боназардошти вазъи байналмилалӣ мо метавонем ба таҳияи Стратегияи рушди СҲШ то соли 2040 шурӯъ кунем. Ин ҳуҷҷати барномавӣ бояд тамоми самтҳои ҳамкориҳои гуногунҷанбаи моро фаро гирифта, афзалиятҳои рушди дарозмуддати СҲШ-ро муайян намояд.

Дар навбати аввал баланд бардоштани таъсири амалии ҳамкорӣ дар соҳаи иқтисод, тиҷорат ва сармоягузорӣ ниҳоят муҳим аст. Ин яке аз шартҳои асосии таъмини субот дар минтақа ва баланд бардоштани некуаҳволии мардуми кишвари мост.

Аён, ки барои ноил шудан ба устувории бештари иқтисодӣ аз моделҳои боэътимоди ҳамкории минтақавӣ истифода бурдан лозим аст. Гузаштан ба амалҳои воқеӣ оид ба роҳандозии занҷирҳои истеҳсолӣ байни кишварҳои СҲШ бо «китфи таъминот»-и кӯтоҳтар муҳим аст.

Мо манфиатдорем, ки иқтидори мавҷуда бо дар назардошти бартариҳои ҳамбастагии иқтисоди кишварҳои СҲШ ба ҳадди аксар кушода карда шавад. Ба ин муносибат пешниҳод менамоем, ки дар заминаи оғози Муколамаи нави иқтисодии СҲШ ба ташкили фазои умумии ҳамкориҳои саноатӣ ва технологӣ шурӯъ кунем.

Вазифаи асосии он муттаҳид намудани имкониятҳо ва фаъол гардондани тамоми механизмҳои ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ мебошад, ки мо бо роҳи барҳам додани монеаҳои тиҷоратӣ ва гумрукӣ, ташаккули занҷирҳои кафолатнок ва устувори истеҳсолот ва таъминот, ҳавасмандгардонии барномаҳои муштараки маҳаллисозӣ ва ивазкунандаи воридот, инчунин ба воситаи ҳифз ва пешбурди сармояҳои мутақобила, пеш аз ҳама дар рушди инфрасохтор, рақобатпазирии саноат ва сектори хидматрасонӣ ба ҳисоб меравад.

Бо мақсади ҳамкории ҳамаҷонибаи иқтисодии кишварҳои мо ва баромадан ба натиҷаҳои дақиқи ҳамкории амалӣ пешниҳод менамоем, ки дар Ўзбекистон Ҳафтаи шарикии тиҷоратӣ байни минтақаҳои давлатҳои СҲШ баргузор карда шавад.

Барои амиқтар кардани кооператсияи саноатӣ ва ҳавасмандгардонии тиҷорат мо инчунин тарафдори таъсис додани Иттифоқи коммуникатсия ва ахборотии иқтисодии кишварҳои СҲШ мебошем. Омодаем, ки соли оянда дар ин ҷо, дар Самарқанд, дар пойгоҳи минтақаи саноатии «Ўзбекистон – СҲШ» ҷамъомади нахустини сарони маъмуриятҳои минтақаҳои махсусро баргузор кунем.

Ба сифати боз як чора мо пешниҳод менамоем, ки ҳамасола Ярмаркаи бузурги тиҷоратии СҲШ бо дар пойгоҳи он таъсис додани платформаи ягонаи электронӣ баргузор карда шавад.

Ба ин, инчунин, Нақшаи чорабиниҳои муштарак, ки мо оид ба рушди савдои байниминтақавӣ қабул мекунем, низ мусоидат хоҳад кард.

Мехостам эътиборатонро ба боз як масъалаи муҳим ҷалб намоям.

Бояд эътироф кард, ки бо вуҷуди он, ки кишварҳои мо истеҳсолкунанда, содиркунанда ва воридкунандагони асосии маҳсулоти кишоварзӣ ва озуқаворӣ мебошанд, мо то ҳол наметавонистем ҳамкориҳои ҷиддиро оид ба масъалаҳои бехатарии озуқаворӣ дар платформаи СҲШ ба роҳ монем.

Иқтидори давлатҳои мо имкон медиҳад, ки бозорҳои дохилиро бо зироатҳои ғаладона, чорво ва меваю сабзавот, озуқавории асосӣ, инчунин нуриҳои зарурӣ пайваста таъмин намоем. Илова бар ин, мо бояд дар ҳалли ин мушкилот дар дарачаи чаҳонӣ саҳм гузорем.

Ба ин муносибат мо зарур мешуморем, ки тамоюлҳо ва равишҳои умумии таъмини бехатарии озуқаворӣ таҳия карда шавад. Дар ин ҳуҷҷат барои ба ҳам наздик кардани пойгоҳи меъёрӣ, гузарондани тадқиқоти муштарак ва ҷорӣ кардани инноватсия тадбирҳои дақиқ пешбинӣ кардан муҳим аст.

Илова бар ин, бояд ба барномаи рӯёндан ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, ташаккули схемаҳои ҳамоҳангшудаи интиқоли мустақими мутақобила, ташкили таъминоти самараноки логистика, долонҳои «сабз» ва экспресс барои расондани маҳсулоти хушсифат ва арзони озуқаворӣ диққати ҷиддӣ дода шавад.

Бо мақсади баррасии васеи ин масъалаҳои ҳаётан муҳим мо пешниҳод менамоем, ки соли оянда Конфронси байналмилалӣ оид ба бехатарии озуқаворӣ баргузор карда шавад.

Ҳамкасбони муҳтарам!

Имрӯз мо Консепсияи СҲШ-ро оид ба таҳкими робитаи байниҳамдигарӣ ва бунёди долонҳои самарабахши нақлиётӣ қабул менамоем.

Бо мақсади иҷрои амалии қоидаҳои асосии консепсия пешниҳод менамоем, ки бо дастгирии Созмони Милали Муттаҳид дар шаҳри Тошканд Маркази байниминтақавии пайвастагӣ таъсис дода шавад.

Имзои Созишномаи сеҷониба дар бораи бунёди роҳи оҳани Чин – Қирғизистон – Ўзбекистонро дар доираи ҳамоиш як рӯйдоди таърихӣ мешуморем.

Мо даъват менамоем, ки боз як лоиҳаи муҳими стратегӣ – сохтмони долони роҳи оҳани Тирмиз – Мазори Шариф – Кобул – Пешовар дастгирӣ карда шавад.

Татбиқи ин ду лоиҳа барои пурзӯр гардондани робитаҳои мутақобила, зиёд гардондани тиҷорати тарафайн ва сармоягузорӣ, умуман – таъмини рушди устувори иқтисодӣ дар фазои Созмони мо имкониятҳои васеъ фароҳам меорад.

Мо метавонем ҳамаи лоиҳаҳои пешомадноки соҳаи нақлиёт ва коммуникатсияро дар майдони нахустини Форуми нақлиётии СҲШ соли оянда дар Ўзбекистон баррасӣ кунем.

Мушкилоти рӯзномаи экологӣ махсусан муҳиманд.

Имрӯз СҲШ Изҳороти муштарак оид ба вокуниш ба тағйирёбии иқлимро қабул карда, ҳамбастагии худро дар муқобила бо ин хатарҳо ва чолишҳо нишон медиҳад.

Дар баробари ин дар ин самти барои ҳамаи мо муҳим механизму форматҳои нави ҳамкориҳои амалӣ лозиманд.

Мо пешниҳод менамоем, ки Шўрои иқлимии СҲШ таъсис дода шавад, ки он сиёсатмадорон ва арбобони ҷамъиятӣ, олимону коршиносони эколог ва намояндагони соҳибкоронро муттаҳид намояд.

Ин формат самаранокии ҳамкорӣ дар пешбурди лоиҳаҳои мутобиқшавӣ ба иқлим, муборизаи бо биёбоншавӣ ва таназзули замин, ҷорӣ намудани технологияҳои сарфакунандаи обро афзоиш диҳад.

Ин махсусан дар шароити паси сар намудани оқибатҳои фалокатовари фоҷиаи экологии Арал тақозо мегардад.

Шарти муҳими рушди СҲШ ҳамкории самарабахш дар соҳаи амният мебошад. Дар воқеияти нав таҳкими ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хидматҳои махсуси кишварҳои мо зарур аст.

Масъалаи баланд бардоштани самаранокии Сохтори минтақавии зиддитеррористии СҲШ дар асоси созишномаҳои мо оид ба такмили фаъолияти он, аз он ҷумла дар масъалаҳои пешгирӣ ва вокуниши фаврӣ ба чолишҳо ва таҳдидҳои амниятӣ кайҳо пухта расида аст.

Барои баҳо додан ба вазъияти мамлакатҳои мо ва бо назардошти воқеияти имрӯза қабул кардани қарорҳои мукаммали ба роҳ мондани таҷрибаи мақлисҳои ҳарсолаи сайёри Шўрои СМЗТ муҳим аст.

Афзоиши радикализм тамоили хатарнок мегардад. Андешидани як қатор тадбирҳои таъсирбахш ҷиҳати пешгирии шомилшавии ҷавонон ба созмонҳои ифротӣ, ташаккули маснуияти устувор ба ақидаҳои гуногуни вайронкорро ба мақсад мувофиқ мешуморем.

Мехостам таваҷҷуҳи шуморо ба масъалаҳои рушди технологияҳои бехатарии иттилоотию коммуникатсионӣ ҷалб намоям, ки аллакай ҳаёти замонавиро аз бисёр ҷиҳат муайян мекунанд.

Танҳо дар сурати муттаҳид кардани неруҳо мо метавонем дар фазои иттилоотӣ таҳдидҳоро якбора коҳиш дода, аз бартариҳои рақамисозӣ пурра истифода кунем.

Вазифаи ташкили платформаи муштарак барои муборизаи бар зидди кибержиноятҳо рӯз то рӯз таъхирнопазир мегардад.

Пурзӯр гардондани ҳамоҳангӣ дар мусоидат ба истиқрори сулҳ ва барқарорсозии иҷтимоию иқтисодии Афғонистон бояд аз авлавиятҳои асосии СҲШ боқӣ монад.

Мехостам махсусан ба ҳамкасбонам барои дастгирӣ кардани Конфронси Тошканд, ки ба қарибӣ баргузор гардид, ташаккур баён кунам.

Иштироки ҳайати Афғонистон, намояндагони бисёр давлатҳо ва созмонҳои байналмилалӣ, аз он ҷумла СҲШ дар он хоҳиши ҷомеаи ҷаҳониро барои таҳияи равишҳои ҳамоҳангшуда дар ҳамкорӣ бо ин кишвар тасдиқ мекунад.

Иҷозат диҳед таъкид намоям, ки халқи афғон ба кумаки некҳамсоягии мо беш аз беш эҳтиёҷ дорад. Мо набояд хатоҳои гузаштаро такрор кунем ва Афғонистонро бо мушкилоташ танҳо гузорем.

Шиддат гирифтани сиёсати санксионӣ ва изолятсияи минбаъдаи мақомоти кунунии Афғонистон ногузир боиси афзоиши радикализатсия дар дохили кишвар ва табдил ёфтани он ба майдони машқ барои ташкилотҳои террористӣ мегардад.

Ба ин муносибат мо ҷонибдори рушди робитаҳои созанда бо Кобул барои иҷрои ўҳдадориҳои байналмилалӣ, аз он ҷумла дар соҳаҳои ҳуқуқи занон ва кўдакон ҳастем, ки қаблан мақомоти муваққатии Афғонистон қабул карда буданд.

Ба ғайр аз ин, пешниҳод менамоем якҷоя Фонди махсуси дастгирии башардўстонаи Афғонистонро дар шаҳри наздисарҳадии Тирмиз таъсис дода, инфрасохтори замонавии дар он ҷо созмондодашудаи хаби байналмилалии нақлиётиву логистикиро ба кор андозем.

Маблағи ин фонд барои рафъи бўҳрони иҷтимоӣ дар ин кишвар, татбиқи барномаҳои таълимӣ барои ҷавонон ва лоиҳаҳо дар соҳаи нигаҳдории тандурустӣ равона карда мешаванд.

Муҳтарам иштирокдорони ҳамоиш!

Робитаҳои фарҳангию гуманитарӣ чун анъана заминаи мустаҳками ҳамкориҳои моро ташкил медиҳад. Дўстии мустаҳкам ва ҳамдигарфаҳмӣ байни халқҳои мо гарави сулҳ ва шарикии васеъ дар минтақаи СҲШ мебошад.

Маҳз ба ин мақсадҳо Нақшаи маҷмўӣ оид ба татбиқи Шартнома дар бораи некҳамсоягии дарозмўҳлат, дўстӣ ва ҳамкорӣ, ки имрўз қабул шуд, ба ин мақсадҳо нигаронда шудааст.

Созмони мо ба тамоюли эҳтиромии гуногунии фарҳангҳо такя намуда, барои миллионҳо нафар одамон имкониятҳои нави муоширати байнифарҳангӣ ва мубодилораро фароҳам меорад.

Таъсис додани форматҳои иловагиро дар доираи СҲШ, аз қабили Форуми ректорони донишгоҳҳо, Рўзҳои фарҳанг ва сайёҳӣ, чорабиниҳои муштараки варзишӣ ва универсиадаҳоро зарур мешуморам.

Қайд менамоям, ки технологияҳои замонавӣ ба мо имкон медиҳад, ки платформаҳои рақамӣ барои муколамаи байнифарҳангӣ роҳандозӣ карда шаванд. Инҳо музейҳои виртуалӣ ва намоишгоҳҳои эҷодӣ, видеоконфронсҳои илмӣ мебошанд, ки онҳо ба наздик шудани халқҳои мо, аз он ҷумла, тавассути ҷалби фаъоли ҷавонон ба чунин лоиҳаҳо мусоидат мекунанд.

Афзоиши гардиши мутақобилаи сайёҳон, татбиқи барномаву лоиҳаҳои муштарак дар соҳаи сайёҳӣ ба ин равона карда мешавад.

Барои фаъол гардондани ҳамкориҳои мо дар ин самти афзалиятнок пешниҳод менамоям, ки соли оянда – Соли рушди сайёҳӣ дар фазои СҲШ эълон карда шавад.

Боварӣ дорам, ки Созишномаи ҳамкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ, ки имрўз қабул мешавад, барои кори муштарак заминаи зарурии ҳуқуқӣ фароҳам меорад.

Дўстони азиз!

Самарқанд аз замонҳои қадим маркази табодули маънавӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва илмии халқҳои маскуни ин фазо аз Осиёи Шарқӣ то Африқои Шимолӣ, Шарқи Наздик ва Аврупо буд. Дар тўли асрҳо дар ин ҷо фарҳанги махсуси муошират пурсамари намояндагони тамаддунҳои гуногун ба вуҷуд омадааст.

Самарқанд намунаи зиндаи он аст, ки чун садсолаҳо тамоюлҳои таҳаммулпазирӣ ва муносибати эҳтиромона ба анъанаҳо ва қадриятҳои халқҳои гуногунро, ки мо ҳангоми таъсиси СҲШ ҳамчун асос қабул кардаем, дар амал ба ҳаёт татбиқ намудааст.

Ҳоло чунин муколама, ки аз рақобати геосиёсӣ, ziддиятҳои идеологӣ ва баҳсу мунозираҳо холӣ аст, хеле зарур аст.

Аз ин рў, Ўзбекистон бо хушнудӣ ба шарикони худ ташаббуси ҳамбастагии Самарқандро ба хотири амният ва шукуфоии умумӣ пешниҳод мекунад.

Мақсади он ба муколамаи умумиҷаҳонии байни тамаддунҳо ҷалб намудани ҳамаи онҳое, ки ба ояндаи умумии мо бефарқ нестанд, омодаанд, сарфи назар аз ихтилофҳо бархурд ва роҳҳои ҳалли мувофиқшударо ҷўянд, ба тамоюлҳои «Рўҳи Самарқанд» шариканд.

Мо пешниҳод менамоем, ки масъалаи татбиқи амалии ин ташаббус соли оянда дар форуми байналмилалии Самарқанд бо иштироки роҳбарони сиёсӣ, намояндагони бонуфузи ҷомеа, доираҳои соҳибкорӣ, олимон ва коршиносон якҷоя баррасӣ карда шавад.

Асоси кори форум Барномаи ғании амалиёт мегардад, ки мо онро ба наздикӣ ба ҳамаи шарикони худ пешниҳод мекунем. Ба дастгирии васеи шумо ва иштирокатон дар пешбурди ташаббусҳои мо умед дорам.

Муҳтарам иштирокдорони ҷамъомад!

Иҷозат диҳед дар хотимаи суханам бори дигар ба ҳамаи шумо барои кумаки фаъолонаатон дар ноил шудан ба мақсадҳои раёсати Ўзбекистон миннатдории самимӣ баён намоям.

Боварӣ дорам, ки ҳуҷҷатҳо ва қарорҳои имрўз қабулшуда дар рушди рўзафзуни минбаъда ва баланд бардоштани нуфузи Созмони ҳамкории Шанхай ба хотири таъмини амнияти минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, баҳри пешрафту шукуфоии кишварҳоямон ва халқҳоямон саҳми арзанда хоҳанд гузошт.

Барои таваҷҷуҳатон ташаккур.

РОҲБАРОНИ ЎЗБЕКИСТОН ВА ҲИНДИСТОН ДУРНАМОИ ТАҲКИМИ МИНБАЪДАИ ШАРИКИИ СТРАТЕГИРО БАРРАСӢ КАРДАНД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Роҳбарон афзоиши ҳаҷми муомилоти моли дуҷонибаро қайд карданд. Аз аввали соли ҷорӣ муомилоти мол 30 фоиз афзуд. Дар давоми шаш соли охир шумораи корхонаҳои муштарак 5 баробар афзуд.

Лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи IT, тандурустӣ, дорусозӣ, кишоварзӣ ва сайёҳӣ бомуваффақият татбиқ мегардонд. Нақшаҳо дар солҳои наздик ба 1 миллиард доллар расондани тиҷорати мутақобиларо дар бар мегиранд.

Зарурати ҳарчӣ зудтар қабул ва татбиқи барномаҳои ҳамкорӣ дар соҳаҳои тиҷорату иқтисод, сармоягузорӣ, илму маориф, инчунин созишномаҳо оид ба пешбурд ва ҳифзи мутақобилаи сармоягузорӣ қайд карда шуд.

Роҳбарон ба таҳкими робитаи шарикӣ миёни минтақаҳои ду кишвар таваҷҷуҳи хоса зоҳир карданд.

Манфиати Ўзбекистон аз таҳкими робитаҳои нақлиётӣ бо Ҳиндустон, аз ҷумла истифодаи бандари «Чабаҳор» таъкид шуд.

Мавзўи ҷудогонаи гуфтугўҳо густариши ҳамкориҳои фарҳангиву гуманитарӣ буд. Солҳои охир дар Ўзбекистон се донишгоҳи Ҳиндустон кушода шуд.

Ба натиҷаҳои нишасти аввалини онлайнии «Ҳиндустон – Осиёи Марказӣ» баҳои баланд дода шуда, аҳамияти татбиқи амалии тавофуқҳо дар доираи ин платформа таъкид гардид. Ба ҷониби Ҳиндустон барои дастгирӣ аз резолютсияи Ассамблеяи генералии Созмони Милали Муттаҳид оид ба таҳкими ҳамбастагии байни Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ изҳори сипос карда шуд.

Аз рӯи масъалаҳои ёрию мадади башардўстона ва ёрӣ ба барқарор намудани иқтисодиёти Афғонистон мубодилаи афкор барпо гардид. Нарендра Модӣ ба саъю талошҳои Ўзбекистон дар ин самт баҳои баланд дод.

Дар бораи андешидани чораҳои иловагӣ ҷиҳати пешбурди лоиҳаҳои муштарак ва барномаҳои ҳамкорӣ дар самтҳои афзалиятноки ҳамкорӣ мувофиқа ҳосил шуд.

Воҳўрӣ дар вазъияти ошкоро, гарму ҷўшон ва дўстона гузашт.

ЎзА.

ПРЕЗИДЕНТҲОИ ЎЗБЕКИСТОН ВА ТУРКИЯ ДАР САМАРҚАНД МУЛОҚОТ АНҶОМ ДОДАНД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Байни ду мамлакат афзоиши назарраси нишондиҳандаҳои савдо ба мушоҳида мерасад. Аз ҷумла, соли гузашта афзоиши муомилоти мол бештар аз 60 фоизро ташкил дод.

Шумораи корхонаҳои муштарак аз 2000 гузашт. Танҳо аз аввали соли ҷорӣ ба маблағи тақрибан ним миллиард доллар сармоя азхуд карда шуд.

Ширкатҳои туркӣ ба ширкат дар раванди хусусигардонии корхонаҳои давлатӣ дар Ўзбекистон таваҷҷуҳи зиёд доранд.

Созишномаҳои минбаъда оид ба татбиқи лоиҳаҳои муштарак дар соҳаи кишоварзӣ, нақлиёт, электротехника, саноати бофандагӣ ва чарм, масолеҳи сохтмон, инноватсия, технологияҳои баланд, сайёҳӣ ва фарҳанг ба даст омаданд.

Саноати энергетика ҳамчун соҳаи пешомаднок қайд карда мешавад. Солҳои охир ҷонибҳо лоиҳаҳоро ба маблағи қариб 1 миллиард доллар амалӣ мекунанд.

Дар мулоқот инчунин ҷадвали чорабиниҳои дарпешистода, аз ҷумла дар доираи ҳамоиши ба нақша гирифташудаи Созмони давлатҳои туркӣ дар Самарқанд баррасӣ шуд.

Мулоқоти президентҳои Ўзбекистон ва Туркия чун анъана дар фазои самимӣ, эътимод ва дўстӣ сурат гирифт.

ЎзА.

Мувофиқи дастури мавсими 2-юми Олимпиадаи 5 ташаббус, ки ҳоло дар тамоми маҳаллаву овулҳои кишвар идома дорад, дар толори варзишии мактаби рақами 9-уми ноҳияи Бўка мусобиқа барои ҷоми прокурор бинобар кураш байни ҷавонони маҳаллаҳои Навобод, Қорақудуқ, Катта-равод, Равод, Истиқлол ва Ўрта-теппаи минтақаи 3-юми ноҳия баргузор шуд. Дар мусобиқа паҳлавонони ҷавон байни ҳамдиёрони худ қувваозмоӣ карданд. Ба курашчиёни ҷавон ҳаками тоифаи олӣ доир ба кураш Шодмон Файзиев доварӣ кард. Дар даври маҳаллавии мусобиқаи мазкур роҳбари минтақаи 3-юм Акмал Бобохонов, роҳбари шуъбаи Агентии кор бо ҷавонони ноҳия Одил Ҷўраев ва пешвои ҷавонони маҳаллаҳои мазкур иштирок карданд. Мусобиқаҳо мувофиқи низоми ҷоми прокурор доир ба кураш байни ҷавонони маҳаллаҳо аз рӯи синну соли 16-21 (дар вазнҳои 46, 50, 60) ва 22-26-сола (дар вазнҳои 63,70, 78) роҳандозӣ шуданд, ки курашчиёни ғолиб ба давраи секторӣ роҳхат гирифтанд.

***Дар сурат:** лавҳа аз мусобиқаи мазкур.*

Суратгир: М. ҚОДИРЗОДА.

Тўли як ҳафта шаҳри бостонии Самарқанд мавриди таваҷҷуҳи оламиён қарор гирифт. Хосатан садҳо журналистони расонаҳои гуногуни хориҷӣ дар радифи ҳамтоёни маҳаллии худ дар шаҳри Самарқанд гирдиҳам омаданд ва таҳаввулоти онро баррасӣ намуданд. Ҳанўз вокунишҳо, бардошту таассуротҳо ва эҳсоси шодиву нишоти меҳмонону хабарнигороне, ки барои ширкат ва мушоҳидаи нишасти бисту дуюми сарони кишварҳои узви СҲШ ба Самарқанд омаданд, беш аз беш дар саҳифаҳои матбуоти гуногун, сайтҳои интернетӣ ва садову симоҳои мухталиф идома дорад.

АНҶОМИ МУВАФФАҚОНАИ РАЁСАТИ ЎЗБЕКИСТОН ДАР СҲШ– ИФТИХОР БАРОИ ҲАР ШАҲРВАНДИ ОН

Оре, шаҳри Самарқандро ба ҳайси маркази тамаддун дар ҳафт иқлими олам мешиносанд. Бисёриҳо омадан ба ин шаҳри бостонӣ ва аз наздик дидани обидаҳои гуногуни таърихиву меъморӣ, биноҳои боҳашами онро орзу мекунанд. Ҷои иштибоҳ нест агар гўем, ки ин биноҳои дорои таърихи дуру дароз дар ҳар меҳмон ва сайёҳ таассуроти амиқ боқӣ мегузоранд.

Ҳувайдост, ки барои дар ин шаҳри бостонӣ ва муосир баргузор шудани нишасти навбатии сарони кишварҳои узви СҲШ талошҳои зиёд ба харҷ дода шуд. Ахиран ҳамон рўзҳо фаро расид, ки сарони давлатҳои Русия, Чин, Тоҷикистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Ҳиндустон, Покистон ва Ўзбекистон дар ин шаҳр мулоқоти худро таҳти раисии Шавкат Мирзиёев роҳандозӣ намоянд. Дар он аз ду кишвар ҳамчун нозир мушорикат намуданд ва роҳбарони се кишвар ба сифати меҳмон даъватӣ буданд.

Пеш аз он, ки роҷеъ ба баъзе паҳлўҳои таҳаввулоти марбут ба саммити Самарқанд фикрҳоро радду бадал намоям, зикр кардaниам, ки барои фаъолият ва инъикоси нишасти мазкур тамоми шароити техникӣ, аз қабили бинои бо компютер, интернет, монитор барои намоиши баъзе дидору мулоқотҳо ва рўзномаи СҲШ фароҳам оварда шудаанд.

Як гурўҳ коршиносон, ки гуфта мешавад, аз муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва марказҳои тадқиқотӣ ба ин шаҳр махсус ташриф оварданд, ба саволҳои гуногуни журналистон посух доданд. Баъзан доираи саволу ҷавобҳо ба майдони баҳсу мунозираҳо низ табдил ёфт, ки он аз тарафи худи коршиносон як ҳоли оддӣ ва табиӣ арзёбӣ гардид.

Ногуфта намонад, ки Ўзбекистон то ин раёсати худ дар СҲШ се давраро паси сар намудааст. Аммо дар ин давраи раёсати худ Президент Шавкат Мирзиёев ташаббусҳои хеле зиёдро ба миён гузоштааст, ки дар боло рафтани нуфуз ва эътибори СҲШ нақши муассир бозидааст.

Тавре ки дар ҷараёни нишасти Самарқанд низ борҳо ёдоварӣ шуд, танҳо дар нишасти Душанбе сарвари давлатамон бештар аз 50 масъаларо ба миён гузоштааст, ки ҳаллу фасли он барои беҳбуди фаъолияти СҲШ ва натиҷаву самари он хеле мусоидат намудааст. Ҷанбаи муҳими саммити Самарқанд содири қарорҳои муҳим дар мавриди рушд ва тавсеаи фаъолияти ин созмон мебошад, ки оғози давраи нави СҲШ унвон гирифтааст.

Ҷаласаи бисту дуюми сарони давлатҳои СҲШ дар Самарқанд аз он ҷиҳат низ қобили таваҷҷуҳ буд, ки дар се соли охир бори аввал сардорони давлатҳо рў ба рўи ҳам нишастанд.

Ҷанбаи дигари ин нишаст аз он сабаб аҳамияти боз ҳам бештар касб намуд, ки аввалин бор аз замони ҷорӣ шудани таҳримҳои густурда аз ҷониби Ғарб алайҳи Русия ба вуқўъ пайваст ва ин кишвар узви СҲШ мебошад.

(Давомаш дар саҳ.3).

ҲАМОИШИ САМАРҚАНД ДАР ФАЪОЛИЯТИ СОЗМОНИ ҲАМКОРИИ ШАНХАЙ САҲИФАИ НАВ КУШОД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Бинобар рӯзномаи маҷлис роҳбарони давлатҳо ҳолати ҷорӣ ва истиқболи ҳамкориро дар доираи СҲШ муҳокима намуданд, доир ба мушкилоти муҳими минтақавӣ ва байналхалқӣ дар партави вусъати вазъияти сиёсӣ ва иқтисодӣ табодули афкор намуданд.

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дар суханронии худ раёсатро дар доираи СҲШ дар солҳои 2021—2022 ҷамъбаст намуд. Тавре ки роҳбари давлатамон таъкид кард, дар ин муддат беш аз 80 чорабинии калон баргузор гардид. Сарфи назар аз оқибатҳои мураккаби пандемия, Нақшаи раёсати Ӯзбекистон дар СҲШ дар ҳаҷми пурра ба иҷро расидааст.

Барои имзо дар ҳамоиши Самарқанд маҷмӯи зиёди ҳуҷҷатҳо иборат аз беш аз 40 шартнома ва қарор омода карда шудааст. Дар онҳо барҳурдҳои умумии давлатҳои СҲШ ба ҳамкорӣ бинобар самтҳои муҳим ва истиқболноки ҳамкорӣ, мисли пурзӯр намудани робитаи ҳамдигар, ҳамкории саноатӣ, иқтисодиёти «сабз», рақамисозӣ, савдо ва ғайра инъикос ёфтааст.

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон таъкид кард, ки дар тӯли кутоҳи таърихӣ СҲШ иштирокдори бонуфузи ҷараёнҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ гардид. Нақши батанзимоварандаи Созмон чун омили муҳими бехатарӣ ва рушди иқтисодӣ пурзӯр мегардад.

Роҳбари мамлакатамон ногузирии нигоҳ доштани мақоми бидуни блок будани СҲШ, шаффофият ва тамоили фаъолияти Созмонро ба шарикии васеъ, бо роҳи тавофуқ, баробарӣ ва эҳтироми ҳамдигар кор бурдан махсус таъкид кард.

Бо назардошти ин, инчунин бо такя ба таҷрибаи ғании ҳамкории бисёрҷанба дар доираи СҲШ, роҳбари давлатамон пешниҳодоти дақиқро дар бобати ҳалли вазифаҳои муҳими рушди ҳамкорӣ дар солҳои наздик ироа намуд.

Аз он ҷумла, ин мусоид намудани фаъолияти СҲШ ба воқеияти имрӯз, ҳамкорӣ дар соҳаҳои иқтисодиёт, савдо ва сармоя, мустаҳкам намудани иртиботи ҳамдигарии нақлиётӣ, мавзӯи экология, алоқаҳои маданиву инсонпарварӣ мебошанд. Ба мушкилоти бехатарӣ ва бартарафсозии вазъият дар Афғонистон эътибори алоҳида нигаронида шуд.

Дар охир Шавкат Мирзиёев таъкид кард, ки ояндаи СҲШ ва рушди мамлакатҳоямон аз бисёр ҷиҳат аз кори муштарак, зич ва босамар вобаста аст. «Бо ҳам мо қодир ҳастем, ки Созмонро ба қуллаҳои нав бо мақсади таъмини бехатарии минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, ба хотири тараққиёт ва шукуфоии мамлакат ва халҳҳоямон бардорем», – ибрози боварӣ намуд Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

Дар баромадҳои худ роҳбарони давлатҳо ба масъалаҳои муҳими рушди ояндаи ҳамкорӣ дар доираи СҲШ, мушкилоти бехатарии минтақавӣ ва байналхалқӣ дахолат намуданд. Таъкид шуд, ки ҳамоиши Самарқанд аҳамияти махсуси таърихӣ дорад.

Пас аз он ҷамъомади роҳбарони давлатҳои СҲШ дар ҳайати васеъ бо иштироки пешвоёни мамлакатҳои нозир, меҳмонони фахрӣ ва роҳбарони ташкилотҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ идома ёфт.

Ҳамоиши мазкур бори аввал дар чунин таркиби васеъ – бо иштироки 14 пешвои мамлакатҳо баргузор гардид.

Дар ҷамъомади васеъ зери раисии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев якҷоя бо роҳбарони кишварҳои аъзои Созмон ва сохторҳои он инчунин роҳбарони давлатҳои нозири ШҲС ва меҳмонони фахрии ҳамоиш – Президенти Ҷумҳурии Беларус Александр Лукашенко, Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон Иброҳим Раисӣ, Президенти Муғулистон Ухнаагийн Хурэлсух, Президенти Ҷумҳурии Туркия Рецеп Тойип Эрдоғон, Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон Илҳом Алиев ва Президенти Ҷумҳурии Туркманистон Сердар Бердимуҳамедов, роҳбарони ташкилотҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ, аз он ҷумла муовини Котиби генералии СММ Розмари ДиКарло ширкат доштанд.

Дар баромади худ Президент Шавкат Мирзиёев таъкид кард, ки дар давраи раёсати Ӯзбекистон дар Созмон чандин таркиб ва механизмҳои нави ҳамкорӣ дар доираи СҲШ дар чунин соҳаҳо, мисли технологияи иттилоотиву коммуникатсионӣ, бехатарии озуқаворӣ ва коҳиши қашшоқӣ роҳандозӣ гардиданд.

Анҷуманҳо, ҳамоиш ва дигар чорабиниҳо доир ба масъалаҳои муҳим дар соҳаҳои иқтисодӣ, саноатӣ, инноватсия, сайёҳӣ, тандурустӣ, дипломатияи халқӣ, пеш бурдани мавзӯи гендер ва соҳибкории занон баргузор гардиданд.

Роҳбари мамлакатамон чандин пешниҳод ва ташаббуси амалиро доир ба масъалаҳои ҳамкории бисёрҷанбаи муҳим дар доираи СҲШ иброз намуд.

Пеш аз ҳама, минбаъд низ нигоҳ доштани мақоми бидуни блок будани СҲШ ва шаффофияти он, моилии фаъолияти Созмон ба ҳамкории васеи байналхалқӣ, риояи принсипи тақсимнопазирии бехатарӣ муҳим мебошад. Муҳим аст, ки минбаъд низ Осиёи Марказӣ чун «ядрои географии» СҲШ боқӣ монад.

Дигар вазифаи калидӣ, мустаҳкам намудани ҳамбастагӣ, дастгирии ҳамдигар ва шарикӣ дар асоси принсипҳои «рӯҳи Шанхай» ба шумор меравад. «Танҳо ҳамин тариқ мо метавонем сулҳ, субот ва шукуфоиро дар минтақаи СҲШ таъмин намоем», – изҳор намуд Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

Бинобар ин, ба ин барҳурдҳои принсипиалӣ такя намуда, бо назардошти вазъияти байналхалқӣ, роҳбари давлатамон пешниҳод намуд, ки ба омодагии «Стратегияи рушди СҲШ то соли 2040» пардохта шавад. Ин ҳуҷҷати барномавӣ ба фаро гирифтани ҳамаи самтҳои ҳамкории бисёрҷанба нигаронда шуда, афзалиятҳои рушди дарозмуддати СҲШ-ро муайян мекунад.

Инчунин баланд бардошатани самараи амалӣ дар соҳаҳои иқтисодӣ, савдо ва сармоя вазифаи фавқулодда муҳим шумурда шуд. Бинобар ин маҷмӯи ташаббусҳо, аз шумури роҳандозии Гуфтугӯйи нави иқтисодии СҲШ, дар Ӯзбекистон ташкил намудани Ҳафтаи шарикии корчаллонии минтақавӣ, таъсиси Иттиҳоди минтақои махсуси иқтисодӣ, ҳар сол баргузор намудани Ярмаркаи калони савдо ва дар пойгоҳи он ташаккул додани платформаи ягонаи элетронӣ пешниҳод гардиданд.

Буҳрони озуқаворӣ дар ҷаҳон ногузирии ҳамкории фаъолро дар доираи СҲШ тақозо менамояд. Бо назардошти ин Президенти Ӯзбекистон таҳия намудани Принсип ва барҳурдҳои умумиро нисбати таъмини бехатарии озуқаворӣ пешниҳод намуд.

Ногузирии пурзӯр намудани иртиботи нақлиётиро дар фазои СҲШ таъкид намуда, Президенти Ӯзбекистон ташаббусро дар бораи таъсиси Маркази байниминтақавӣ оид ба иртибототи ҳамдигар дар шаҳри Тошканд бо дастгирии СММ пешниҳод намуд.

Дар доираи ҳамоиши сеҷониба ба имзо расондани Шартномаро дар бораи сохтмони роҳи оҳани Чин – Қирғизистон – Ӯзбекистон чун рӯйдоди таърихӣ баҳо дода, роҳбари мамлакатамон ба дастгирӣ намудани дигар лоиҳаи муҳими стратегӣ – роҳандозии даҳлези роҳи оҳани Тирмиз – Мазори Шариф – Кобул – Пешовар даъват намуд.

Бо мақсади муҳокимаи масъалаи мазкур ва дигар мавзӯъҳо, Ӯзбекистон омода аст, ки нахустин Анҷумани нақлиётии СҲШ-ро баргузор намояд ва бинобар ҷамъбасти он Нақшаи ҳаракати муштаракро таҳия созад.

Эътиборро ба хатар ва таҳдидҳои рӯзафзуни экологӣ нигаронда, роҳбари давлатамон ташаббусро дар бораи ташкил намудани Шӯрои иқлимии СҲШ пешниҳод намуд. Механизми мазкур барои мусоидат намудан ба ташаббуси мустаҳкам намудани ҳамкорӣ дар соҳаи рушди «сабз», муборизаи бар зиддӣ биёбоншавӣ ва вайроншавии замин, ҷалби қарорҳои инноватсионӣ ва маблағи молия барои татбиқи лоиҳаҳо, аз он ҷумла дар минтақаи ҳавзаи баҳри Арал, муқаррар гаштааст.

Ба ҳамкорӣ дар соҳаи бехатарӣ эътибори алоҳида нигаронда шуд. Дар баромади Президенти Ӯзбекистон мустаҳкам намудани тамоили фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ тартибот ва ҳадамоти махсус, баланд бардоштани самарабахшии СЗМ СҲШ, аз он ҷумла дар масъалаҳои огоҳсозӣ ва таваҷҷуҳи таъҷилӣ ба таҳдиду хатарҳо ба амният аз вазифаҳои муҳим зикр гардид.

Ҳамзамон қабул намудани маҷмӯи чорабиниҳои таъсирбахш дар бобати роҳ нагузоштани ҷалби ҷавонон ба ташкилотҳои ифроткор, ташаккули иммунитети собит нисбати ғояҳои мухталифи харобкор пешниҳод гардид. Ин хусусан дар шароите муҳим аст, ки афзоиши тундравӣ дар ҷаҳон тамоили хатарнок мегардад.

Роҳбари давлат таъкид кард, ки халқи Афғонистон бештар аз ҳарвақта ба мадади некҳамсоягии мо ниёз дорад, ки набояд ба такрори хатои гузашта роҳ дода шавад.

Бинобар ин якҷоя таъсис намудани Фонди махсуси инсопарварии дастгирии Афғонистон дар шаҳри Тирмиз пешниҳод гардид, ки дар он ҷо пойгоҳи нақлиётиву логистикии байналхалқӣ ба вуҷуд оварда шудааст. Маблағи Фонд ба бартарафсозии бӯҳрони иҷтимоии ин мамлакат, татбиқи барномаҳои таълимии ҷавонон ва лоиҳаҳои соҳаи тандурустӣ равон карда мешавад.

Сипас, Президент Шавкат Мирзиёев таъкид кард, ки робитаҳои маданиву инсонпарварӣ бинобар анъана пойгоҳи мустаҳками ҳамкориамонро ташаккул медиҳад. Моилӣ ба принсипи эҳтиромии гуногунии маданият ва анъанаҳо барои гуфтугӯйи байни маданиятҳо ва табодули миллионҳо одамон, пеш аз ҳама, насли наврас, имконияти нав фароҳам меорад.

Бинобар ин, роҳбари мамлакатамон ба таъсис намудани ҳайатҳои иловагии ҳамкорӣ – Анҷумани ректорони донишгоҳҳо, Рӯзҳои маданият ва сайёҳӣ, чорабиниҳои мушараки варзишӣ ва универсиадаҳо даъват намуд. Инчунин ташаббус дар бобати роҳандозии майдонҳои рақамисозии гуфтугӯйи байнимаданӣ: музейҳои маҷозӣ, намоишгоҳҳои эҷодӣ, анҷуманҳои илмӣ пешниҳод гардид.

Соли 2023-ро Соли рушди сайёҳӣ эълон намудан ба хотири таҳрики нав бахшидан ба ҳамкорӣ дар соҳаи мазкур пешниҳод гардид.

Роҳбари Ӯзбекистон таъкид кард, ки шаҳри Самарқанд аз қадим маркази табодули маънавӣ, иқтисодӣ, маданӣ ва илмии байни халҳҳо дар фазои аз Осиёи Шарқӣ то Африқои Шимолӣ, Шарқи Наздик ва Аврупо буд.

Бинобар ин Президенти Ӯзбекистон Ташаббуси Самарқандро оид ба ҳамбастагӣ ба хотири бехатарӣ ва шукуфоии умумӣ пешбарӣ намуд. Мақсади он – ба гуфтугӯйи байнитамаддунии ҷаҳонӣ ҷалб намудани ҳар он, ки барояш ояндаи умумии мо бефарқ нест ва оне, ки сарфи назар аз гуногунфикрӣ омода аст барҳурд ва қарорҳои ҳамоҳангшударо биҷӯяд, принсипҳои «Рӯҳӣ Самарқанд»-ро баҳам бинад.

Бо ин мақсадҳо соли оянда якумин Анҷумани Самарқанд бо иштироки роҳбарони сиёсӣ, намояндагони бонуфузи ҷамъиятӣ, доираҳои корчаллонӣ, академӣ ва коршиносӣ баргузор мегардад, ки дар якҷоягӣ масъалаҳои татбиқи амалии ин ташаббусро муҳокима намоянд.

Дар охири суханронии худ роҳбари давлатамон барои ҳамкории фаъолона барои дастёбӣ ба мақсадҳои раисии Ӯзбекистон изҳор миннатдории самимӣ намуд.

«Боварӣ дорам, ки ҳуҷҷат ва қарорҳои имрӯзқабулгарданда дар рушди муттасили оянда ва баланд бардоштани нуфузи СҲШ саҳми муносиб хоҳанд гардид», – таъкид намуд Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

Дар ҷамъомади СҲШ инчунин роҳбарони давлатҳои аъзо, мамлакатҳои нозир, меҳмонони фахрӣ, инчунин роҳбарони СММ ва СҲШ баромад карданд.

Ҳуҷҷати асосии ниҳоӣ Эъломияи Самарқанди Шӯрои сарони давлатҳои аъзои СҲШ буд.

Дар он равишҳои муштарак ба таъмини суботи минтақавӣ, амният ва рушди устувори иқтисодӣ, таҳкими робитаҳои нақлиёт, инчунин амиқгардонии мулоқоти фарҳангӣ муайян шудааанд.

Миқдори рекордии созишномаҳо, консепсияҳо, барномаҳо ва дигар қарорҳо - дар маҷмӯъ 44 ҳуҷҷат қабул карда шуданд. Аз он ҷумла қарорҳо дар бораи:

– Нақшаи чорабиниҳои комплексӣ барои солҳои 2023-2027 оид ба татбиқи қоидаҳои Шартнома дар бораи ҳамсоягии нек, дӯстӣ ва ҳамкории давлатҳои аъзои СҲШ;

– Консепсияи давлатҳои аъзои СҲШ оид ба рушди ҳамбастагӣ ва ташкили долонҳои самараноки нақлиётӣ;

– Низомнома дар бораи унвони фахрии «Сафири некихоҳии СҲШ»;

– “Харитаи роҳ” оид ба тадричан зиёд кардани ҳиссаи асъори миллӣ дар ҳисоббаробаркуниҳои мутақобилаи кишварҳои узви СҲШ;

– имзои Ёддошт дар бораи ўҳдадориҳои Эрон ба мақсади гирифтани мақоми узви СҲШ;

– оғози тартиби қабули Ҷумҳурии Беларус ба узвияти СҲШ;

– додани мақоми шарики муколамаи СҲШ ба Ҷумҳурии Малдив, Баҳрайн, Аморати Муттаҳидаи Араб, Ҷумҳурии Иттиҳоди Мянма, Давлати Кувайт;

– эълони шаҳри Варанаси (Ҳиндустон) пойтахти сайёҳӣ ва фарҳангии СҲШ дар солҳои 2022-2023;

– имзои Ёддошти байни Котиботи СҲШ ва Созмони Милали Муттаҳид оид ба маориф, илм ва фарҳанг (ЮНЕСКО);

– оид ба ҳисоботи Дабири кулли СҲШ оид ба фаъолияти Созмон дар соли гузашта ва Шӯрои сохтори минтақавии зиддитеррористии СҲШ оид ба фаъолият дар соли 2021;

– қатъи амали қарорҳои Шӯрои сарони давлатҳои СҲШ;

– оид ба такмили фаъолияти СҲШ.

Изҳороти Шӯрои сарони давлатҳои аъзои СҲШ инчунин дар самтҳои зерин қабул гардид:

– оид ба чораҳои вокуниш ба тағйирёбии иқлим;

– оид ба таъмини занҷирҳои боэътимод, устувор ва диверсификатсияи таъминот;

– оид ба таъмини амнияти озуқавории ҷаҳонӣ;

– оид ба таъмини амнияти энергетикӣ.

Илова бар ин, дар доираи чорабинӣ ҳуҷҷатҳои зерин ба имзо расонида шуданд:

– Ёддошт дар бораи ўҳдадории Эрон барои гирифтани мақоми узви давлати СҲШ;

– Созишнома байни ҳукуматҳои давлатҳои аъзои СҲШ дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ;

– Чаҳорчӯбаи ҳамкорӣ дар соҳаи савдои хизматрасонӣ байни кишварҳои узви СҲШ;

– Ёддошти байни мақомоти ваколатдори кишварҳои СҲШ оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи фаъолияти осорхонавӣ;

– Созишнома байни мақомоти ваколатдори кишварҳои СҲШ дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи карантини растанӣ;

– Барномаи ҳамкории кишварҳои СҲШ дар соҳаи истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия;

– Барномаи рушди инфрасохтори кишварҳои СҲШ;

– Барномаи ҳавасманд-гардонии ҳамкориҳои саноатӣ байни доираҳои тиҷоратии кишварҳои СҲШ;

– Барномаи СҲШ оид ба рушди саводнокии рақамӣ;

– Барномаи ҳамкории кишварҳои узви СҲШ оид ба рушди интеллекти сунъӣ;

– «Харитаи роҳ» оид ба ҳамкории ташкилотҳои тиббии давлатҳои аъзои СҲШ дар самти пешгирӣ ва табобати беморихои сироятӣ;

– Нақшаи чорабиниҳо оид ба ҳамкориҳои илмию техникӣ дар самтҳои афзалиятноки давлатҳои аъзои СҲШ (солҳои 2022-2025);

– Нақшаи чорабиниҳои муштарак оид ба рушди савдои дохилиминтақавии СҲШ;

– Консепсияи ҳамкории кишварҳои СҲШ дар соҳаи телетиб;

– Консепсияи ҳамкории кишварҳои СҲШ дар соҳаи кишоварзии «интеллектуалӣ» ва ҷорӣ намудани инноватсияҳои кишоварзӣ;

– Ёддошти байни котиботи СҲШ ва Лигаи кишварҳои араб;

– Ёддошти тафоҳум байни Котиботи СҲШ ва Созмони Милали Муттаҳид оид ба маориф, илм ва фарҳанг (ЮНЕСКО);

– Ёддошти тафоҳум байни Котиботи СҲШ ва Комиссияи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ барои Осиё ва Укёнуси Ором (ЭСКАТО) ва дигар ҳуҷҷатҳо.

Ҳамин таъриқ, раёсати Ӯзбекистон дар СҲШ ба поён расид ва раисӣ бори аввал ба Ҷумҳурии Ҳиндустон гузашт.

Дар поёни ҷамъомад бо иштироки вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Ӯзбекистон Владимир Норов ва Котиби генералии СҲШ Чжан Мин брифинг баргузор шуд, ки дар ҷараёни он ба намояндагони воситаҳои ахбори оммавӣ дар бораи ҷамъбасти ҳамоиши Самарқанд ва инчунин масъалаҳои дар он баррасигардида маълумот дода шуд.

Анҷумани Созмони ҳамкории Шанхай, ки дар Самарқанд баргузор гардид, аз якчанд лиҳоз аҳамияти таърихӣ дошт. Пеш аз ҳама ин бори аввал дар се соли аз оғоз гардидани пандемия ҷамъомади рӯ ба рӯи Шӯрои сарони давлатҳо дар ҳайати пурра буд, гузашта аз ин миқдори давлатҳои нозир ва мамлакатҳои даъватгардида зиёд гардид. Инчунин бори аввал дар ҷамъомад беш аз 40 ҳуҷҷат баррасӣ гардид. Қарорҳо дар бораи васеъ намудани ташкилот, қабули аъзои нав ва додани мақоми шарики гуфтугӯ ба имзо расиданд. Таъкид кардан муҳим аст, ки дар ҷараёни ҷамъомад ташаббусҳои муҳим иброз гардиданд, ки ба таъмини ягонагӣ, ҳамкорӣ ва субот дар фазои СҲШ нигаронда шуда, ҳамчунин дар бобати татбиқи онҳо тавофуқ ба амал омад.

Зиёдулло ҶОНИБЕКОВ,
Голиб ҲАСАНОВ,
хабарнигорони махсуси ЎзА.

АНҲОМИ МУВАФФАҚОНАИ РАЁСАТИ ЎЗБЕКИСТОН ДАР СҲШ– ИФТИХОР БАРОИ ҲАР ШАҲРВАНДИ ОН

(Аввалаш дар саҳ.2).

Дар ин заминаҳо суҳбате доштам бо Шӯҳрат Эргашев, корманди калони илмии бахши иттилооту таҳлили Маркази равобити байналмилалӣ ва нахуст аз вай пурсидам, ки СҲШ барои таъмини амнияти минтақавӣ дақиқан чӣ вазифаҳоро анҷом дода метавонад?

– Дар ҳоли ҳозир дар ҷаҳон мушкилоту таҳдидоти геополитикӣ афзоиш ёфта истодааст ва мо шоҳиди онем, ки он торафт шиддат меёбад. Мехоҳам таъкид кунам, ки на танҳо худи амният монеъи тараққиёти кишварҳо мебошад, имрӯз мо дида истодаем, ки дар тамоми ҷаҳон мушкилоти ғизову амнияти озуқавӣ, мушкилоти экологӣ, хушксолӣ дар кишварҳои Аврупо, обхезиву селҳои ҳаробиовар дар кишварҳои ҳамсоя ва амсоли он ба вуқӯъ мепайванданд. СҲШ ин созмони вижа фақат алайҳи таҳдидоти амниятӣ нест, балки он шомили соҳаҳои гуногун, аз ҷумла амнияти экологӣ, иқтисодӣ, савдо, саноат, молия, сармоягузорӣ, равобити фарҳангӣ ва гуманитарӣ буда, дар ин масъалаҳо нақши муассир ва созанда анҷом медиҳад. СҲШ, бешубҳа, блоки ҳарбӣ нест. Дар шароити афзоиши таҳдидоти умумиҷаҳонӣ СҲШ як созмони трансминтақавӣ мебошад, ки се қитъа – Осиёву Аврупо ва Африқоро бо ҳам муттаҳид месозад. Ҳадафи созмон рушди ҳамаҷонибаи кишварҳои узви он мебошад. Ҷаззобияти ин созмон ба тадричӣ афзоиш хоҳад ёфт ва дар оянда шояд кишварҳои зиёде барои пайвастан ба узвияти он иқдом кунанд. Яке аз масъалаҳои Созмони ҳамкории Шанхай таъмини амният, муборизаи бар зидди тероризм ва экстремизм мебошад. Ин масъалаҳо дар чаҳорчӯби он баррасӣ ва ҳаллу фасл мешаванд. Мамлакатҳои аъзои СҲШ машқҳои зиддитеррористӣ анҷом медиҳанд. Ҳамчунин барномаи тулонимуддати вижаи муборизаи бо маводи мухаддир дар солҳои 2018-2023 вуҷуд дорад. Байни мамлакатҳои аъзо мунтазам гуфтугӯҳо роҳандозӣ шуда, ки дар ин фазо онҳо табодули таҷриба мекунанд.

– Дар Осиё Эрон яке аз кишварҳои тавонманд мебошад ва аз узвияти он дар СҲШ чиҳоро интизор шудан мумкин аст?

— Эрон дар СҲШ, бидуни шак, дар пешравии он ҳиссаи бузург хоҳад гузошт. Чун СҲШ мақсади рушди равобити кишварҳои аъзои онро дорад. Гузашта аз ин, пайвастани Эрон ба вижа барои пешрафти кишварҳои Осиёи Марказӣ бисёр муҳиму муфид хоҳад буд. Хусусан, дар соҳаи нақлиёт, дарстрасӣ ба бозорҳои ҷаҳонӣ Эрон кишвари барои мо бисёр муҳим маҳсуб меёбад. Он бандарҳои баҳрӣ дорад ва дастрасӣ ба он барои рушду нумӯъи муносибатҳои тиҷориву иқтисодӣ бо соири кишварҳои ҷаҳон ва афзоиши савдо бо онҳо бевосита мусоидат хоҳад кард. Дар ҳоли ҳозир як хати роҳи оҳан ба бандари Бандар Аббос ва ду роҳи автомобилгард вуҷуд дорад, ки Эронро бо кишварҳои СҲШ васл мекунад. Аввалан, дар соҳаи нақлиёт нақши Эрон ҳамчун узви СҲШ бисёр таъсиргузор хоҳад буд. Сониан, Эрон дорои мероси фарҳангии ғанӣ мебошад ва ҳамкорӣ дар ҳавзаи фарҳангӣ барои наздик шудани мардуми Эрон ва кишварҳои СҲШ, аз ҷумла мардуми кишвари мо хеле муҳим хоҳад кард. Омӯзиши таъриҳи бостониву фарҳанги ғании Эрон, бидуни шак, омили пешрафт ва иртиқои СҲШ ба сатҳи нав хоҳад буд.

– Дар бораи раёсати Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар СҲШ назари шуморо донистан мехостам.

– Бо итминони комил давраи раёсати Ӯзбекистон дар ин созмони бонуфузро, ки доираи иштирокчиёнаш беш аз беш васеъ меёбад, аз муваффақтарин давраи фаъолияти он шуморам. Зеро дар муддати як соли раёсати он, ки сипарӣ мегардад, чорабиниҳои хеле зиёди минтақавӣ ва байналмилалӣ роҳандозӣ шуданд, ки теъдодаш аз ҳаштод мегузарад. Барои боло рафтани нуфузи СҲШ нақши Ӯзбекистон хеле муассир мебошад. Барои ҳамин даҳ кишвар мехоҳанд шомили он шаванд, – гуфт дар поён Ш. Эргашев.

Бо ташаккур ба Шӯҳрат Эргашев, корманди калони илмии бахши иттилооту таҳлили Маркази равобити байналмилалӣ, ки ба суолҳои мо посух дод, ҳамвора ҳаминро илова мекунам, ки нишасти бисту дуюми сарони кишварҳои узви СҲШ дар Самарқанд муваффақона ба поён расид. Бешубҳа, он ба ҳайси падидаи нек ва созандаву муассир дар торихи ин Созмон боқӣ хоҳад монд.

Мирасрор АҲРОРОВ,
мухбири
Овози тоҷик”.

Шаҳри САМАРҚАНД.

БАРТАРИҲОИ ТЕХНОЛОГИЯИ ЗАМОНАВӢ

Вазири хоҷагии қишлоқ Азиз Воитов дар ноҳияи Зомин аз соҳа дидан карда, бо комёбиҳо шинос гардид.

Дар панҷсад гектар майдон замини мансуб ба ҶММ «Агро финанс лизинг» боғ барпо карда шудааст, ки дарахтони мевагии себу нок ва ғайра парвариш карда мешавад. Дар обёрӣ намудани боғ аз усули замонавии интенсив истифода мебаранд. Аз ҷумла, дар 112,6 гектар майдон нокзор барпо намудааанд. Боғбонону мутахассисон дар бораи парвариш, ҳолати мева, ҳосилнокӣ ва ғайра маълумот доданд. Дар 96 гектар майдони дигар бошад, плантатсияи павловния, ки он дарахти манзаравӣ буда, манбаи тахтаи босифат низ шуда метавонад, ташкил дода шудааст.

Дар 25 гектар замини хоҷагии «Баракали ҳосилдор ерлари» тарзи обёрии қатрагиро ба роҳ мондааанд, ки чунин усул низ таваҷҷуҳи бинандагонро ба худ мекашад. Маълум гардид, ки ин тарзи кори боғбонон ба 1,5-2 баробар баланд гардидани ҳосилнокӣ оварда мерасонад.

Гурӯҳи корӣ ҳамчунин аз кооператсияи гулпарварии «Зомин олам гуллари» низ дидан кардааанд, ки дар маҳаллаи Пишағари ноҳия таъсис дода шудааст. Дар ин ҷо бист нафар бонувони гулпарвар меҳнат мекунанд ва лоиҳаи гулпарвариро, ки 1,2 миллиард сӯм қимат дорад, амалӣ мегардонанд.

Анорбой НАЗАРОВ,
хабарнигори
«Овози тоҷик».

Вилояти ҶИЗЗАХ.

МУРОДАЛИИ САРОЯНДА

Ба ҳар як шаҳрванди ноҳияҳои Сариосиё, Узун, Деҳнав номи Нуралии Муродалӣ шинос буда, садои форамаш ба қалбҳо шодиву сурур меорад. Ӯ сарояндаест, ки на танҳо дар деҳоту мавзеи тоҷикнишини Сурхон, инчунин дар Тоҷикистони ҳамсоя низ дар рӯзҳои неки мардум хидмат кардааст. Метавон гуфт, ки дар арзи 40 соли рӯйи саҳна буданаш ҳазорҳо базми мардумро дар сатҳи баланд гузаронид ва ҳоло ҳам хидмат мекунад.

Нуралии Муродалӣ ба синни мубораки шаст қадам гузошт. Тамоми рӯз фарзандон, дӯстону наздикон омада, муборакбод намуданд, бархе бо тариқи телефон аз Тирмизу Самарқанди бостон, Тошканд, Русия занг зада, ҳофизи хушадоро шодбош гуфтанд. Дар атрофи дасторхони шабона дӯстони азиз, дастаи ҳунарии “Ориён” бо роҳбарии Асадуллоҳи Қаландар соҳибҷашнро муборакбод намуданд, аз бузургон шеърҳо гуфтанд, иқтибосҳо оварданд.

Дилпурона гуфтан мумкин, ки як маҳфили хуби санъату адабиёт барпо шуд. Аз давраи тиллоии дастаи “Парвин” (аз солҳои 90-и асри гузашта то чанд соли охир), аз устод Султонмуроди Саид ёдовар шуданд, сабти навори соли 1996-ро тамошо намуданд. Писарашон Комрон дар васфи падару модар сурудҳо хонд, ки хеле ҷаззоб буд. Нуралӣ ба дӯстону наздикон сипосгузориашро изҳор намуд.

Мухлисон ин сарояндаи маҳбуби дилҳоро бо шасти камолоташ шодбошӣ намуда, саломатии мустаҳкам, дарозумрӣ, хушбахтии оилавӣ ва роҳати фарзандонро таманно доштанд.

Маҳкам ҶАЪФАРОВ,
омӯзгори мактаби рақами 7-уми
ноҳияи Сариосиё.

БОНУВОН – УЗВИ ФАЪОЛИ ҲАЁТИ ҶАМЪИЯТӢ

Аз соле, ки мамлакати мо ба истиқлолият даст ёфт, ғамхорӣ дар ҳақи бонувон, татбиқи лоиҳаҳое, ки ба афзун сохтани фаъолнокии онҳо дар ҷабҳаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҳаёти иҷтимоӣ нигаронида шудаанд, аҳамияти махсус касб намуд. Пурзӯр шудани эътибор ба ин масъала вақтҳои охир амиқтар эҳсос мегардад.

Фармони Президент «Дар бораи чораҳои боз ҳам тезонидани корҳои муттасил доир ба дастгирии оила ва занону духтарон», ки 7 марти соли равон қабул гашт, яке аз ҳуҷҷатҳои асосии қонунист доир ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ҷинси латиф дар мамлакат, таъмини бонувон бо шуғл, нигоҳ доштани тандурустии онҳо ва фаро гирифтанашон ба омӯзиши касб, ҷалбсозии занон ба соҳибкорӣ, пуштбонии иҷтимоии занону духтарони ночор, идома додани ислоҳот, ки бобати таъмини баробарии гендерӣ амалӣ мегарданд ва дар ин бобат нақшаҳои маҷмӯие тасдиқ карда шудаанд, ки мувофиқи Барномаи миллӣ бояд дар солҳои 2022-2023 ба амал бароварда шаванд.

Баробари писарбачаҳо соҳиби маълумот ва касбшавии духтарон хеле муҳим. Вале таҳсил дар муассисаҳои таълими олӣ мушкилоти ба худ хос дорад. Яке аз масъалаҳое, ки донишҷӯ ва падару модари ӯро ба фикр ғӯтавар сохта ё ба ҳолати ногувор мегузорад, пардохти ҳақи шартнома аст. Ин ҷиҳат хусусан оилаҳои ночорро бисёр ранҷ медиҳад ва ҳатто донишҷӯ маҷбур мешавад таҳсилро тарк намояд. Акнун духтароне, ки дар МТО ё техникуму коллеҷҳо, аз ҷумла дар шуъбаҳои ғоибонаю шабона таҳсил менамоянд, метавонанд бо кредити таълимии бефоиз ба муддати 7 сол қарзи шартномавии худро пӯшонанд. Бо мақсади ҳалли молиявии ин масъала ба бонкҳои тиҷоратӣ ҳар сол ба андозаи 1,8 триллион сӯм маблағи захиравӣ равона карда мешавад.

Занону духтароне, ки дар давраи магистратурии МТО таҳсил менамоянд, аз пардохти ҳақи шартнома озоданд. Бо мақсади сарпурсозии ин пардохт аз Буҷаи давлатӣ ҳар сол камаш 200 миллиард сӯм ҷудо карда мешавад.

Ба қисмате аз занону духтароне, ки дар хориҷ давраҳои бакалавриат ва магистратураи муассисаҳои таълими олиро паси сар мекунанд, ҳар сол тавассути бунёди «Эл-юрт умиди» грантҳои иловагӣ ҷудо карда мешаванд.

Дар асоси тавсияҳои Кумитаи давлатии оила ва занону духтарон аз ҷониби Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, ҳокимияти вилоятҳо ва шаҳри Тошканд ба 150 нафарӣ, ҷамъ ба 2100 нафар вакилони оилаҳои эҳтиёҷманд, ки дар МТО таҳсил менамоянд, шартномаи таълими занону духтарон аз ҳисоби маблағҳои иловагии буҷаи маҳаллӣ бо шарти барнагардондан пардохта мешавад.

Ҳар сол 500 нафар занону духтарон, ки камаш 5 сол собиқаи корӣ доранд, вале маълумоташон олӣ нест, берун аз параметрҳои қабули умумӣ мувофиқ ба натиҷаи санҷишҳои алоҳидаи тест дар асоси пардохти шартномавӣ ба самти бакалавриати МТО дохил шуданашон мумкин.

Чораҳое андешида мешаванд, ки ба зиёд шудани сафи олимаҳое мусоидат сохта, вомедоранд занону духтарони ҷӯяндаи илм фаъолияти пажӯҳишиву инноватсиониашонро равнақ бахшанд. Ҳар сол дар моҳи март баргузории озмуни «Олима аёл» аз рӯи лоиҳаҳои амалӣ-инноватсионӣ корбаст мегардад. Дар доираи озмуни «Олими оянда», айни замон, озмуни «Барои тиҷорати занон – як қадам» рӯи кор омада ва аз ҳисоби маблағҳои Бунёди дастгирии молиявию инноватсионии илму фан ҷудо карда шудани камаш 10 миллиард сӯм пешбинӣ гардидааст. Бо мақсади баланд бардоштани салоҳияти илмии занону духтарон, ба ҳаёт татбиқ намудани натиҷаи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва бо нияти молиявисозии лоиҳаҳои стартапи «Олима аёллар жамияти» созмон меёбад. Барои пуштбонии амалии ҷамъияти мазкур ва боз ҳам рағбатнок сохтани он аз Буҷаи давлат ҷудо карда шудани 50 миллиард сӯм ба реҷа дароварда шудааст.

Аз 1 июни соли 2022 дар муассисаҳои таълимии давлатию ғайридавлатӣ дар асоси фармоишоти давлатӣ тартиби нави омӯзонидани занону духтарон ба касб ҷорӣ шудааст. Дар ҳузури мономарказҳои «Марҳамат ба кор» воқеъ дар Қароқалпоқистон, вилоятҳо ва шаҳри Тошканд марказҳои ба малака баҳодиҳӣ низ ташкил мегарданд.

Бо мақсади касбомӯзии бонувон дар қишлоқҷойҳо, ҷалб сохтани онҳо ба соҳибкорӣ ва амалӣ гардонидани лоиҳаҳо марбут ба таъмин бо ҷойи кор аз ибтидои соли 2023 сар карда, ба Бунёди мақсадноки давлатии дастгирии оила ва занону духтарон аз Буҷаи давлатӣ камаш 50 миллиард сӯм ҷудо карда мешавад. Аз 1 сентябри соли равон реестри қишлоқҷойҳое, ки захираҳои меҳнатиашон зич аст, ҷорӣ шуда истодааст. Занону духтароне, ки қобилияти хуби ташкилотчигӣ доранд, ба корҳои роҳбарӣ ҷалб карда мешаванд. Чандест дар Академияи идоракунии давлатии оиди тайёр кардани занону духтарони роҳбар курсҳои махсуси таълимӣ ташкил карда шуда ва ҳар сол дар он хонондани камаш 100 нафар бонувон ба нақша гирифта шудааст.

Дар соли 2022-юм дар доираи Барномаи рушди соҳибкории оилавӣ барои молиявӣ сохтани лоиҳаҳои тиҷоратии занону духтарон барилова 1 триллион сӯм ҷудо гардида, супориш шудааст ҷамъ 4 триллион сӯми ин маблағ ба бонувони соҳибкор, ки навъҳои фаъолияти худро васеъ гардонданианд, равона карда шавад. Миқдори субсидҳое, ки ба бонувони соҳибкор ҷудо мегардад, аз 7 миллион сӯм имрӯзҳо ба 10 миллион сӯм расонида шуд, ки ин низ зуҳуроти ғамхорӣ нисбати онҳост. Он вақт дур нест саҳми занону духтарон дар байни объектҳои соҳибкорӣ ба 40 фоиз расонида шавад. Ба бонувоне, ки дар қитъаҳои наздиҳавлиашон чорводорӣ, паррандапарварӣ, моҳидорӣ, занбӯриасалпарвариро ба роҳ гузоштаанд, то 35 миллион сӯм кредитҳои имтиёзнок ҷудо карда мешавад.

М. ШОДИЕВ,
мухбири «Овози тоҷик».

Хабар дода будем, ки ин моҳ дар пойтахти кишвар – Тошканд Ҷашнвораи XIV байналмилалии синамои «Гавҳари Роҳи абрешим» баргузор мегардад. Ба ин муносибат Агентии кинематографияи Ўзбекистон аз кишварҳои гуногуни дунё киношиносон ва дигар мутахассисони соҳаро пешвоз мегирад.

РӮЗҲОИ КИНОИ ТОҶИКИСТОН ДАР ЎЗБЕКИСТОН

Дар Театри опера ва балети ба номи Алишер Навоӣ маросими ифтитоҳи Рӯзҳои кинои Тоҷикистон дар Ўзбекистон баргузор шуд.

Дар ин чорабинии пуршукӯҳ мутахассисони соҳа, актёрон, коргардонҳо, киношиносони кишвари бародар, намояндагони сафорати Тоҷикистон дар Ўзбекистон, алоқамандони санъати кино, фаъолони Иттифоқи ҷавонон, донишҷӯёни Донишгоҳи журналистика ва коммуникатсияи оммавӣ ва сокинони пойтахт ширкат варзиданд.

Ба чорабинӣ ҷонишини директори Агентии миллии «Ўзбеккино» Шуҳрат Ризоев ҳусни ифтитоҳ бахшида, бо баробари хайра мақдам гуфтан ба бародарони тоҷикистонӣ, аз филми «Муаллим», ки соли гузашта дар Рӯзҳои кинои Тоҷикистон дар Ўзбекистон намоиш гардида буд, ёдовар шуд. Халқҳои тоҷику ўзбек дар санъату урфу одат, тарзи либоспӯшӣ муштаракоти зиёд доранд. Аз қадим ҳамкор, устоду шогирд будаанд. Коргардони номӣ, актёри машҳур Комил Ёрматов асосгузори ҳам кинои тоҷик, ҳам кинои ўзбек мебошад. Бисёр актёрони тоҷик, дар филмҳои ўзбек нақш бозидаанд, ё баръакс, актёрони ўзбек дар филмҳои тоҷик нақшҳои асосиро иҷро кардаанд. Ҳамкорӣ, якдигарфаҳмӣ ҳамеша ба пешрафту тараққиёт хидмат кардааст. Фикр мекунам, ба шарофати марҳамати роҳбарони ду мамлакат робитаҳои фарҳангӣ ва ҳунарии мо ба дарачаи ҳаваскунанда рушд менамояд.

Директори муассисаи давлатии «Тоҷикфилм» Муҳаммадсаид Шоҳиён таъкид намуд, ки ба туфайли иродаи сиёсии роҳбарони ду давлат ҷаноби олӣ Эмомалӣ Раҳмон ва муҳтарам Шавкат Мирзиёев халқҳои мо бо якдигар беш аз пеш наздик мешаванд. Фикр мекунам, рӯзҳои кинои Тоҷикистон дар Ўзбекистон дар робитаҳои фарҳангии ду кишвари бародар саҳифаи нав мекушояд. Ў дар баромадаш, дар баробари муаррифии актёрон ва коргардонҳои номии Тоҷикистон, сухан аз кори киносозони тоҷик, хотираҳояш аз иштирок дар Ҷашнвораи байналхалқии кино дар солҳои пеш, дўстиву бародарии халқҳои ўзбеку тоҷик ба миён овард. Гуфт, ки мо дар Рӯзҳои кинои тоҷик дар Ўзбекистон бо чанд филм, аз ҷумла филми «Роҳ» иштирок менамоем.

Филми «Роҳ», ки муаллифи сенарияи он Сафар Ҳақдод, коргардон Носир Саид мебошад, намоиш дода шуд. Филм аҳамияти калони тарбиявӣ дорад.

Маросими кушоиши Рӯзҳои кинои Тоҷикистон дар Ўзбекистон ба қалби ҳунарпешагони Ўзбекистон шукӯҳи тоза бахшид. Рӯзҳои кинои тоҷик дар дигар шаҳрҳои Ўзбекистон идома хоҳад ёфт.

Далер АЗИЗОВ,
хабарнигори
«Овози тоҷик».
Дар сурат:
лаҳзае аз филми «Роҳ».

“ЎЗБЕКИСТОН. ТАЪРИХИ НАВ”

Халқи мо фарҳанг ва санъатдўст аст, мероси маданӣ ва арзишҳои миллии худро пос медорад. Солҳои охир бо ташаббуси роҳбари давлат ба соҳаи санъати кино эътибори алоҳида дода мешавад.

Ин аст, ки 15-16-17-уми сентябри соли ҷорӣ кинофестивали байналхалқии XIV Тошканд баргузор гардид. Дар чаҳорчўбаи кинофестивал “Рўзҳои филмҳои ҳуҷҷатӣ” низ ба амал омад. Ба ин муносибат дар Марказӣ матбуоти миллии пойтахт бо иштироки актёрон, коргардону наворгирони хориҷию ватанӣ, ҷавонон, ҳаводорони санъати кино нишасти матбуотӣ баргузор шуд.

Директори Агентии кинематографияи ҷумҳурӣ Фирдавс Абдуҳолиқов иштирокдоронро хайрамақдам гуфта, таъкид намуд, ки баргузории чунин ҷашнвораҳои васеъмиқёс, албатта ҳамкорӣ, дўстӣ ва табодули таҷрибаро мустаҳкам месозад. Дар чорабинӣ филми ҳуҷҷатии “Ўзбекистон. Таърихи нав”, ки бо ҳамкории Агентии кинематографияи Ҷумҳурии Ўзбекистон ва продусери кинокомпанияи “Мастерская” Саида Медведева офарида шудааст, намоиш дода шуд.

Филм ба ҷашни 30-солагии истиқлолияти ҷумҳурӣ бахшида шудааст. Моҳи августи соли 1991 Ўзбекистон истиқлолияти худро эълон кард. Ва, фавран, мушкилоти иқтисодӣ, нарасиданд хўрокворӣ, бекорӣ, шаҳрҳои холӣ, ҳаракатҳои террористӣ, режими сахти сиёсӣ ба миён омад.

Ўзбекистон дар соле, ки Шавкат Мирзиёев роҳбари давлат интихоб гардид, симои нав гирифт. Имрӯз на танҳо шаҳр ва деҳоти дурдаст, балки одамон низ намои нав мегиранд. Кластерҳои кишоварзӣ, заводу фабрикаҳои нав барпо гардиданд, дар натиҷа ҳазорҳо нафар ўзбекистониён бо кор таъмин гардиданд. Ўзбекистон барои сармоягузорони хориҷи кишвар ҳудро муаррифӣ намуд. Азҳудкунии конҳои гази дар замони иттиҳоди шуравӣ бекорхобида аз нав ба кор шуруъ намуд, дар шаҳру ноҳия, деҳоти дурдасти ҷумҳурӣ биноҳои серошёнаи осмонбӯс қад рост мекунанд. Ҷумҳурӣ ба майдони бузурги бунёдкорӣ табдил ёфт. Масканҳои истироҳатии лижаронии дарачаи ҷаҳонӣ, иншоотҳои истеҳсолии технологияҳои баланд, фурудгоҳҳои замонавӣ, муассисаҳои тиббию томактабӣ, мактабҳо, роҳҳо ва марказҳои савдову тиҷорат бунёд гардиданд. Имрӯз шумораи зиёди тоҷирон бо тамоми ҷаҳон тиҷорати ҳудро ба роҳ мондаанд.

Ба Ўзбекистони офтобрўяи меҳмоннавози мо ҳар сол садҳо ҳазор сайёҳон ба зиёрати қадамҷойҳои муқаддас омада, бо мероси ғанӣ аҷдодонамон ошно мегарданд. Корвони Роҳи бузурги абрешим, империяи Амир Темур, ҳидматҳои Мирзо Улуғбек, Абуалӣ ибни Сино барин аҷдодони бузургамонро, ки дар барпо намудани Эҳёи якум ва дуюм ҳиссаи арзандаи ҳудро гузоштаанд, дидан мекунанд.

Имрӯз Ўзбекистон дар остонаи Эҳёи сеюм қарор дорад.

Дар филми ҳуҷҷатӣ сиёсатмадорон, иқтисоддонон, корчаллонҳо, соҳибкорон, халқи оддӣ – ҳамаи онҳое, ки имрӯз кишвари нав месозанд, барои ҳаёти фаровону осудаи фарзандони ҳуд меҳнат мекунанд, иштирок намудаанд.

С. БЕКНАЗАРОВА,
хабарнигори
“Овози тоҷик”.

БОҒЧАИ НАВ ДАР «БОБОҲОҶӢ»

Ноҳияи Пешкӯи вилояти Бухоро 120 ҳазор нафар аҳолӣ дорад. 10 ҳазору 500 нафари онҳо бачагони 3-7-сола мебошанд. Солҳои охир дар ин ҷо масъалаи бо муассисаи таълими томактабӣ фарогирии наврасон мақоми аввалиндараҷа гирифтааст. Охири соли 2020 дар ноҳия 96-то боғчаи бачагон фаъолият дошт, ки ҳоло шумораи онҳо ба 155-то расидааст.

Имрӯз дар ин муассисаҳои давлатию нодавлатӣ 9000 нафар, яъне 85 фоизи бачагони синни таълими томактабии ноҳия ҷалб гардидаанд ва дар натиҷа як ҳазору чорсад нафар бо кор таъмин шудаанд. Аз ҷумла 508 нафари онҳо тарбиятгарони пуртаҷриба ва 73 нафарашон мутахассисони маълумоти олидор мебошанд. Ба қарибӣ дар деҳаи Шовареи маҳаллаи «Бобоҳоҷӣ» боғчаи нави замонавии дуошёнаи давлатии рақами 23, ки дорои 120 ҷой мебошад, сохта ба истифодабарӣ дода шуд. Ин муассиса мувофиқи Барномаи сармоявӣ бо 3,5 миллиард сӯм маблағ қад боло карда, боиси бо кор таъминшавии 35 нафар мутахассисон гардид. Бино дорои даҳлезу дарсхонаҳои баҳавои васеъ, залҳои шустушӯю ошхона, толори варзишу мусиқӣ буда, бо обҳои гарму хунук таъмин гаштааст.

Дар маросими тантанавии кушодашавии боғча ҳокими ноҳия Ваҳҳоб Қаҳҳоров ва мутасаддиёни кор, собиқадорони меҳнат, падару модарон ва фаъолони маҳалла иштирок карда, аҳли деҳаро бо боғчаи нав муборакбод намуданд. Бояд таъкид кард, ки сокинони маҳалла имсол якбора соҳиби ду боғчаи нави замонавӣ шуданд.

Амрулло АВЕЗОВ,
хабарнигори
«Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.

(Охираш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта).

– Обамон тамом, — гуфт Нормат дар ҳаяҷон даҳони ду бўшкаро як-як кушода ва ба шиками онҳо бо ҷаҳл лагаде зада. Он зарфҳо “данг-дунг” садо доданд, гўё ғарибона нолиданд.

– Ҳатто ба таҳорат? – пурсид Асад ҳангу манг.

– Ҳатто ба нўшидан! – аз пурсиши ин бандаи хомхаёл андаке ҷаҳлаш омада, ўро ислоҳ намуд Нормат. – Ана, оби матор ҳам ҷўшид... Кор тамом!

– Акнун чӣ кор мекунем? Таҳорат карда ҳам намешавад, намоз...

Нормат то ғазаби худро банд андозад, ба пеши пояш ҷиртӣ туф карду ба осмони баланд нигарист, ки дар фарозаш як ташти заррин аз нур лабрез шуда буд.

– Таяммум мекунед, мулло! – гуфт вай бо нигоҳ ба хоки атроф ишора карда.

– Рост, – гўё хиҷолат кашид ў.

– Аммо... ачаб нест, ки аз беобӣ пок бимурем.

Ба рӯи Асад сояи ғам фаромад. Лаб газиду оҳиста сар такон дод. Вай намефаҳмид, ки ин одами табиатан оромро ҳоло чӣ балое зада? Чаро забони мудом мулоимаш инак ба дурештӣ гаравида?

Нормат ба самти булдозер рафт ва муҳаррикро хомўш кард. Олами бепоёни дашт ба ҳукми сукунат даромад.

– Рафтем! – гуфт Нормат, чаққон аввал ба пои дандонадори булдозер, баъд ба рӯи замини хокаш нарм фаромада.

– Кучо, ако? – риши худро бо ангуштон сила намуд Асад.

– Ободиро мебинӣ?

– Ҳа.

– Меравем... Об меорем!

Онҳо аз ду гўши бўшка дошта таноби роҳ кашиданд.

Чун ба он деҳа даромаданд, намози пешин расида буд. Мулло Асадро андешаи ташнагӣ не, балки намоз... ба ташвиш оварда буд.

Дари аввалин ҳавлиро кўфтанд. Мунтазир нашуда ва кушодаву ба остона қадам гузоштанд. Аз паноҳи сояи девор саге коҳилона сар бардошта, як-ду бор ҷакид ва ҳафсалаташ пир шуда, дубора сарашро рӯи дастон гузошта ба ғанаб рафт магар, гашта садояш наомад.

Айвони хона серодам буд. Марду зани бисёре нишаста, байни худ суҳбат мекарданд.

– Биёед, меҳмон, – мардинае аз сафи онҳо ҷудо шуда, – шояд соҳибхона буд, – ба пешвози онҳо шитофт. Чун огоҳ гашт, ки хеле ташнаанд, тозон чойники чойро оварда, ба ҳар кадом як пиёлаӣ чойи ширгарм дароз намуд.

– Нашуд – гуфт Нормат. – Ташнагиам нашикаст. Оби хунук ҳаст?

– Ҳозир меорам, – дартоз сўи ошхона роҳ гирифт мард.

таю баргашта садқа мешуду банда.

– Не, ман...

– Албатта, албатта..., – ноаён аз остини ҳамроҳаш кашид Нормат. – Эшони бодаму дуое ҳастанд, Асадхон! – сухани Асадро бурида дар тасдиқ посух дод ў. – Дуояшон ба сад дард даво!

Мизбон, ки худро Хўҷамқул муаррифӣ кард, ҳамон хиҷолаташ барҷой ба самти офтоба шитофт ва зуд баргаштаву зарфи пури обро ба дасти Асад дод.

Нормат дар дастшў дасту рў шуст ва дар мушояати мизбон ба меҳмонхона даромад. Дастурхон густурданд, дар як коса ҷурғоту ду нони нармро оварда, дар васати он гузоштанд. Дар рикеваҳо гуна-гуна ширириҳо низ пайдо гаштанд. Мулло Асад намози пешинро адо карда, ба сари хон ҳозир шуд. Аз тиреза як лаълӣ гўшти бирён дароз карданд, ки дар болояш пиёзеро нафис реза карда буданд. Нормат гул-гул шукуфт ва аз чашми мизбон пинҳона ба шарики худ чашмакӣ зад. Асад аз шарм сурх шуд ва намедонист даст ба таъом барад ё не.

– Эшонбобо, марҳамат кунед. Э, ман садқаи қадамотон, кулбаи моро мунаввар кардед, – даст рӯи сина муроот намуд мизбон.

Онҳо баиштиҳо гўшти бирён хўрданд. Нормат косаи ҷурғотро бардошта, бо як дам ним кард. Рўҳи кўфтааш ба ифоқа омада, ба Хўҷамқул нигарист, ки бештар Эшони шармгинро ба хўрдани ину он ташвиқ мекард.

– Гуфтед, ки модаратон беморанд? – пурсид Нормат

– Ҳа, модар нотобанд, бародар, ду-се рўз шуд. Хеле тарсонданд, – ба чеҳраи ў сояи ҳузн фаромад. – Мо ҳама дар ташвиш. Эҳ, чӣ гўям ба шумо, ҳарчанд пиранд, дунёамон ҳам модар, сарватамон ҳам.

– Ғам нахўред, додарҷон. Мана Эшонбобо, як бор бихонанд, Худо хоҳад, зуд сиҳат мешаванд.

Ба рӯи Мулло Асад сурхӣ давид ва лаб зери дандон ба Нормат нигарист ва ба нигоҳ фаҳмонд, ки ҳудаву бехуда сухан накунад.

– Кош, кош..., сарамон ба осмон мерасид, – миннатдор шуд Хўҷамқул.

– Ман рафта, маслиҳат мекунам.

Вай маъзарат хоста, берун баромад.

Меҳмонон танҳо монданд.

– Ака, одамро шарманда мекунед.

– Э, парво накун. Ту бемалол хондан гир, он тарафаш дар дасти Худованд. Иншоаллоҳ, шифояшро низ муяссар мегардонад, – гўшти дар дандонҳояш рустмондаро берун оварда, бепарво гуфт Нормат. – Тамоми ҳунаратро сарф намо. Ҳар ояте, ки аз ёд медонӣ, хону хон, «куфу суф» бигў, ба ҷазаба даро... хуллас, аз худат гап намемонад.

Вақте ки Эшонро аз барои даму дуо ба ҳуҷраи пиразан даъват карданд, Нормат ба дасти ў пушти нохун барин як санги тирафомро қапонд.

– Дар авҷи корҳо ба даҳони офтоба меандозӣ, – гуфт ў ба абрўвони сермўяш гиреҳ андохта.

– Чист ин?

– Карбомит!

Лабони Мулло Асад ба табассум рафт...

* * *

... оби офтоба, ки Эшон пас аз ҳар танаффус ба даҳони он “суф” мегуфт ва як “суф”-и дигар ба ҷониби бемор равон мекард, балаҷ-балаҷ ба ҷўш омад... Чандин қатра об аз даҳони он зарф ба рўи дастархон фуромад. Бўйи ғалатие ба муҳити хона давид.

Ҳамон дам ғиреви нишастагон баромад.

Пиразан низ гиребон ҷуфт сохта, бо нидои “ё Аллоҳи кабир!” аз ҷой баланд шуд.

Ними “суф”-аш, ки мехост ба рўи бемор андозад, дар ҳаво барҳадар рафта, ними дигараш дар даҳонаш монд...

Шарифи ХАЛИЛ

ЭШОН

(Ҳикоя)

Пас аз чанде дар сояи девори хона нишаста, меҳмонон сероб шуданд.

– Худоро ҳазорон бор шукр... Эҳ, шуморо ҳам дар ташвиш гузоштем, – акнун чеҳрааш равшан узрхоҳона гуфт Нормат.

– Ин хел нагўед, меҳмон. Марҳамат, хона медароем, то аз хони мо луқмаи ноне нахўред, иҷозат нест, ки баргардед. Имрўз худоӣ доштем. Модарам касал... Зоро кўмак кунад, – гуфт соҳибхона ғамгин ва... зуд ин сояро аз чеҳра барчида: – Канӣ, марҳамат кунед, – гуфт худ пеш гузашта.

– Ман..., – боқии сухан дар даҳон бо андаке ташвиш ба Нормат нигарист Мулло Асад.

– Эшонбобо намози пешинро хондӣ! Агар бемалол бошад..., – гуфт Нормат ҳамроҳи худро дар назар дошта.

Соҳибхона аз шунидани номи Эшон нидои ачибе дардод ва даст рўи сина гузошта, қоматаш моил ба таъзим пурсид:

– Эҳ, ман садқаи қадамашон... Ин кас Эшон ҳастанд? – хиҷолат бурд ў ва чӣ кор карданро надониста, аз таҳайюру шарм сурх гашта буд ва гаш-

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпўлод ВАКИЛОВ
Рўзнома ҳафтае ду маротиба: рўзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рўзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рўзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рўзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рўйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-925. Адади нашр 4710 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
ISSN 2010-7757
1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк: С/Х 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор: М. Шодиев.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 05.00

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кўчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кўчаи Буюк Турон, хонаи 41.